Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Кармышева Майсара Назруллоевна дар мавзӯи "Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.12-Иқтисодиёти меҳнат

Дар шароити муосир мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда ва зарурати таҳқиқи истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва соҳаҳои он вобаста аз афзоиши шуморавии захираҳои меҳнатӣ ва имкониятҳои истеҳсолии иқтисодиёти миллӣ васеъ истифода гардидааст. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ бо мақсади истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ муайян намудааст. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот барои татбиқи Барномаҳои давлатӣ оиди мусоидат ба шуғли самараноки аҳолӣ, "Стратегияи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" аҳамияти хоса дорад, ки то андозае самтҳои афзалиятноки истифодабарии захираҳои меҳнатиро пешбинӣ намуда, натиҷаи таҳқиқотро барои такмили минбаъдаи он пешбини намудааст. Натиҷаҳои диссертатсия барои дар амал татбиқ намудани Барномаҳои давлатӣ доир ба мусоидат намудан ба фарогирии ҳадди аксари захираҳои меҳнатӣ бо шуғл равона карда шудааст. Дар кори диссертатсионӣ амалигардонии стратегияи саноатикунонии босуръат дар шароити Тоҷикистон зарурат, мубрамият ва мақсади таҳқиқоти мазкурро диссертант муайян ба таври мукаммал таҳлилу таҳқиқ ва баррасӣ намудааст.

Аҳаммияти илмӣ ва назариявӣ дар автореферати диссертсия ифода ёфтааст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии он барои истифодаи амалияи тамоми иқтидорҳои соҳаҳои хоҷагии халқ барои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар шароити амалигардонии барномаҳои давлатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ифода меёбад.

Мақсади таҳқиқоти кори мазкур аз коркард ва пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ доир ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Диссертант мавзӯи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои корро вобаста ба нақшаи мантиқии диссертатсия муайян карда, методикаи дар таҳқиқоти олимони соҳа асосёфтаро дар таҳлили хусусияти ҷалби сармоя ба рушди инфрасохтор истифода намудааст.

Дар хулосаҳои бобҳо ва хулосаи натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия бо дастрасии таҳлили бобҳо ва тавсияҳои мушаххас ҷамъбаст карда шудааст.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф асоси мундариҷаи диссертатсияро низ инъикос мекунанд. Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ нашр гардида, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.

Дар баробари ин дар автореферат камбудиҳо низ ҷой доранд, ки асоситаринашон мавҷуд будани хулосаҳои баҳсталаб мебошад, аз ҷумла:

1. Нишондиҳандаҳои асосии истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ба таври зарурӣ нишон дода нашудааст;

2. Ба андешаи муаллиф таҳлили нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи кишвар ва миқёси минтақаҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки тамоюли рушд ҳархела ба назар мерасад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар сабабҳо ё омилҳои муайянкунандаи ин ақида шарҳ дода мешудаанд?

Ҳамаи мулоҳизаҳои дар боло овардашуда фикри хусусӣ буда, рафъи он аҳамияти илмии рисоларо боз ҳам баланд мебардорад ва барои диссертатсия характери тавсиявӣ дорад.

Дар маҷмӯъ, аз рӯи автореферати пешниҳодшуда метавон ба хулосае омад, ки таҳқиқот пурра анҷом ёфта ҳисобида шуда, бешубҳа, таваҷҷӯҳи илмӣ ва амалӣ дорад. ва муаллифи он сазовори гирифтани унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси дилхоҳ аст.

Моҳияти таҳқиқотии муаллиф дар самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва самтҳои баландбардории он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқати кор бо шиносномаи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат инъикос ёфтааст.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Кармышева Майсара Назруллоевна дар мавзӯи “Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”

муофиқ ба талаботи меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсенти кафедраи иқтисоди**
**корхонаҳо ва соҳибкории ДДК**
**ба номи А.Рӯдакӣ** **Расулова Л.Н**

735360, Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш.Кӯлоб,
кӯч. С.Сафаров 16
Тел: (+992) 98 722 11 88
Email: r.lutfiya@mail.ru

**Имзои "н.и.и., Расулова Л.Н"-ро**
**тасдиқ мекунам**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Амиров Ф.**